1. Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с.;

2. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 8 июня 2007 г., №227: по состоянию на 5 марта 2007 г., №233] – Душанбе, 2010. – 23 с.;

3. Конституция Республики Таджикистан: офиц. текст.–Душанбе,2003.–34с.;

4. Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов // «Законодательство». Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2013. – №2.;

5. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учеб. для студ. вузов / В.С. Нерсесянц. – М.: ИНФРА, 2002. – 552 с.;

6. Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционном соглашении»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 28 февраля 2013 г., №468: по состоянию на 19 марта 2013 г., №944] – Душанбе, 2013. – 17 с; Закон Республики Таджикистан «Об охране атмосферного воздуха»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 13 декабря 2012 г., №444: по состоянию на 28 декабря 2012 г., №915] – Душанбе, 2013. – 29 с; Закон Республики Таджикистан «О несостоятельности (банкротстве)»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 21 ноября 2003 г., №431: по состоянию на 8 декабря 2003 г., №46] – Душанбе, 2004. – 42 с.;

7. Гражданский кодекс Республика Таджикистан: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 30 июня 1999 г., №803: по состоянию на 22 июля 2013 г., №976] ч. 1. – Душанбе, 2013. – 170 с.;

8. Семейный кодекс Республика Таджикистан: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 13 ноября 1998 г., №683: по состоянию на 19 марта 2013 г., №952] – Душанбе, 2013. – 78 с.;

9. Градостроительный кодекс Республика Таджикистан: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 13 декабря 2012 г., №438: по состоянию на 28 декабря 2012 г., №933] – Душанбе, 2012. – 68 с.;

10. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан:[Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 3 декабря 2009 г.: по состоянию на 14 марта 2014 г., №1067] общая часть:–Душанбе,2014.– 212 с.;

11. Матузов Н.И. Юридические обязанности личности // Теория государства и права: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. - 371 с.;

12. Международные акты о правах человека: Сборник документов. – М., 2000.;

13. Мордовец А.С. Гарантии прав личности: понятие и классификация // Теория государства и права: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А. В.Малько. – М., 2003. - 362 с.;

14. Закон Республики Таджикистан «О валютном регулировании и валютном контроле»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 12 июня 2013 г., №494: по состоянию на 13 июня 2013 г., №964] – Душанбе, 2013. – 22 с. – С. 6; Закон Республики Таджикистан «О государственной службе»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 24 февраля 2007 г., №275: по состоянию на 5 марта 2007 г., №233] – Душанбе, 2008. – 28 с. – С. 15–16 и др.;

15. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей»: [Закон Республики Таджикистан: принят Маджлиси Оли Республики Таджикистан 21 июля 2011 г., №210: по состоянию на 2 августа 2011 г., №762] – Душанбе, 2011. – 15 с.;

ТАҲКИМИ УСУЛҲОИ ҲУҚУҚ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАБИЕВ ФАТҲИДДИН СУҲРОБОВИЧ,
ходими хурди илмии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
академик А.М. Баҳоуддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

734000. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
тел:(+992)918-85-62-62; e-mail: fatkhiddin.1985@mail.ru

Дар мақола ба асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои асосии ҳуқуқ, ки дар Конституцсия ва дигар қонунгузории соҳавии кишвар дарҷ гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, нақш ва аҳамияти онҳо дар таҳкими низоми ҳуқуқии давлат нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: *қонунгузорӣ, конституцсия, кодекси мурофиавии граждани, ҳуқуқ, граждани.*

ASSIGNMENT PRINCIPLES OF LAW IN THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN

NABIYEV FATHIDDIN SUHROBOVICH ,
junior Researcher,
Department of History of State and Law Institute of Philosophy,
Political science and Law named by A.M. Bahovaddinova
Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan,
734000. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 33,
ph.:(+992) 918 85 62 62, e-mail: fatkhiddin.1985@mail.ru

In the article, on the basis of legislation of the Republic of Tajikistan, the fundamental legal principles are considered, as well as consolidation both in the Constitution and in sectorial legislation of the country, their role and importance in development of legal system of the state.

Keywords: *principles of law, the Constitution, the Civil Procedure Code, the Civil Code, Family Code.*

УДК: 681.3(575.3)

ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЩЕСТВО: ФУНДАМЕНТАЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ ПЕРЕХОДНОГО ПЕРИОДА

ГУЛОВ САФАРАЛИ АБДУЛЛОЕВИЧ,
ведущий специалист
Управления информационного обеспечения Центра стратегических Исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 40,
тел.: (+992) 91 929 55 98, e-mail: Gulsa1957@mail.ru

В статье рассматривается взаимосвязанность социально-философских категорий развития жизнедеятельности общества и проблема обеспечения информационной безопасности, раскрываются основные фундаментальные факторы обеспечения информационной безопасности и их роль в условиях перехода к информационному обществу.

Ключевые слова: *обеспечение информационной безопасности, нормативно-правовой фактор, информационно-аналитический фактор, информационное сознание, технологическое сознание, технологическое мышление.*

Внедрение и широкое использование компьютерной технологии и *информатизация социальных процессов* приводит к коренному изменению *социальных взаимодействий* и общественных отношений практически во всех сферах жизнедеятельности современного общества. В ходе *информатизации* общественных процессов возрастает связанная с нею социальная активность общества. Этому способствует процесс взаимодействия *общественного развития* и *информатизация социальных процессов,* которые являются его составляющими. Такая форма взаимосвязанности общественного процесса с процессом информатизации обуславливается не только внедрением *компьютерной технологии* и *автоматизированных средств управления* в *социальных* процессах, но и активизацией деятельности самого человека в этих областях. Поэтому, такое взаимное развитие деятельности человека и технологии в *социальных* процессах можно охарактеризовать как *социально-информационный процесс.* Как видно из хода повседневного использования цифровых и сетевых технологий человеком и его активное участие в процессе обработки и обмена информации, все больше в этот процесс включаются новые пользователи, и одновременно активизируется человеческая деятельность в этом направлении. Именно активизация деятельности человека в процессе обработки и обмена информации как движущая

сила развития общества способствует формированию и развитию информационного общества.

Цель данного исследования заключается в раскрытии масштабов активизации человеческой деятельности и ее взаимосвязи с информационным и технологическим сознанием при обеспечении информационной безопасности в процессе перехода в информационное общество. Достижение этой цели требует решения ряда научно-стратегических задач, одной из которых является определение масштаба активизации деятельности человека в процессе перехода к информационному обществу и выявление основных фундаментальных факторов переходного периода.

Для объяснения сущности и масштаба активизации деятельности человека в процессе перехода к новым информационным отношениям и выявления основных фундаментальных факторов переходного периода сначала сформулируем определение информационного общества. *Информационное общество – это* является социально-технологическое пространство, где в значительной мере возрастает роль информации и информационных ресурсов, а также информационные инфраструктуры, где формируются социальные группы, в том числе, трудовые коллективы, которые заняты обработкой, хранением и передачей информации в социальных, экономических, политических и культурных, а также других сферах жизнедеятельности современного общества. «В настоящее время востребовано изучение и исследование современного уровня развития общества, формирования информационных структур, информационных взаимодействий и социальных взаимоотношений и выявление *основных факторов,* способствующих формированию и развитию информационного общества в Республике Таджикистан» [1, 100].

Известно, что в информационном обществе информация превращается в знание и становится первостепенным средством в общественных и индивидуальных отношениях. Однако стабильное течение вышеупомянутых процессов и функционирование информационной инфраструктуры, а также функционирование информационно-компьютерных систем, способствующих формированию и развитию социальных структур информационного общества не могут быть обеспечены без познания процесса синтеза построенных сложных кибернетических систем и модулей разных типов. «С точки зрения теории познания, синтез представляет собой необходимый этап проявления познавательной деятельности сознания»[2]. Познавательная деятельность вышеупомянутого процесса больше всего зависит от хода реализации процесса *информатизации* общественных процессов и возрастания уровня социальной активности общества. Именно этот уровень социальной активности позволяет отдельным категориям людей создать опасность для стабильного развития *социально-информационного процесса,* против которого вы-

ступает познавательная деятельность человека по обеспечению информационной безопасности во всех сферах общественной жизни.

Исходя из вышеизложенного и в результате изучения уровня обеспечения информационной безопасности в Республике Таджикистан, мы классифицируем три основные *фундаментальные факторы* переходного периода в информационное общество, каждый из которых в свою очередь выполняет функцию его составляющих:

– *нормативно-правовой фактор* обепечения безопасности информационных и информационно-технологических ресурсов в процессе перехода в информационное общество;

– *информационно-аналитический фактор* процесса комьютеризации и внедрение автоматизированих систем контроля и управления в общественной жизни;

– *фактор информционного самосознания* формирующегося в процессе *технологического мышления.*

В рамках активизации *первого фактора*, с учетом взаимосвязанности вышеупомянутых процессов и необходимости в обеспечении защищёности информационных и информационно-технологических ресурсов информационной инфраструктуры Таджикистана, в стране был принят ряд законодательных и других нормативно-правовых актов, касающихся проблем и правовых аспектов *информационной безопасности.* Рассмотрим некоторые из этих нормативно-правовых актов, которые являются существенным шагом в этом направлении: утвержденные Указом Президента Республики Таджикистан от 5 ноября 2003 г. «Государственная стратегия информационно-коммуникационных технологий для развития Республики Таджикистан»: Государственная программа развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан рассчитанная на 2005–2008 гг., принятой в соответствии со стратегией Правительства РТ. Основной целью Программы является создание условий для повышения эффективности функционирования экономики, органов государственной власти и местных исполнительных органов государственной власти путем внедрения и массового распространения ИКТ.

Государственная программа развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий Республики Таджикистан на 2014-2017 годы, утвержденной Постановлением Правительство Республики Таджикистан №428 от 3 июля 2014 года и другие, которые, согласно стратегическим целям Республики Таджикистан, отражают приоритетные направления в сфере информационных технологий в стране и направлены на реализацию государственной политики в этой отрасли.

Активизация *второго фактора отражает* достижения страны по формированию информационного общества и развитию его переходного периода в условиях

государственной независимости Республики Таджикистан, *технологическую* и *информационную модель,* которые составляют его информационную инфраструктуру. Не останавливаясь подробно на процессе формирования информационной инфраструктуры страны и его элементов, отметим, что процесс обеспечения информационной безопасности в информационной инфраструктуре страны требует отдельного технологического исследования и особую познавательную деятельность специалистов сферы информационной технологии и телекоммуникации и активных пользователей этой сферы. Добавим, что такая познавательная деятельность формируется не только при изучении и освоении новых информационных технологий, но и при приобретении новых гуманитарных знаний и навыков, которые способствуют формированию у специалистов и активных пользователей технологического сознания. Если рассуждать с точки зрения философии сознания, то технологическое сознание - это соотношение между *сознанием пользователя* и информационно-технологической физической реальностью, которая формируется в процессе развития технологического мышления. «Можно говорить уже о существовании методов в древних цивилизациях, в которых не было еще теоретической науки в современном смысле, а существовало донаучное рецептурно-технологическое мышление»[3].

Две предыдущие фундментальные факторы сработают, только в том случае, если функционирует третий фактор – *информационное самосознание* формирующееся в процессе *технологического мышления,* поскольку обеспечение информационной безопасности невозможно реализовывать в обществе, где носители информационных и социальных отношений обладают неполноценным информационным сознанием и неспособны мыслить не только технологически, но и не осознают себя как носителей культурных ценностей, и как представителей современного общества, уважающих *моральные ценносты* в сетевом пространстве. Таким образом, главными средствами обеспечения информационой безопасности являются высокий уровень морального и интеллектуального развития человека-ползователя цифровых и сетевых технологий в условиях перехода в информационное общество.

ЛИТЕРАТУРА

1. С.А. Гулов. Социальные изменения и факторы формирования информационного общества в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия Гуманитарных наук 3/2(108). Душанбе, 2013. С. 100-105.

2. Википедия. Интернет источник: https://ru.wikipedia.org/wiki/

3. Новая философская энциклопедия. Интернет источник:

4. http://iphlib.ru/greenstone3/library/collection/newphilenc

ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ: ОМИЛҲОИ АСОСИИ ДАВРАИ ГУЗАРИШ

ГУЛОВ САФАРАЛӢ АБДУЛЛОЕВИЧ,
мутахассиси пешбари Раёсати таъминоти иттилоотии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, х. Рӯдакӣ 40,
тел: (+992) 91 929 55 98, e-mail: Gulsa1957@mail.ru

Дар мақола алоқамандии категорияҳои фалсафию иҷтимоии рушди фаъолияти ҷомеа ва мушкилоти таъминоти амнияти иттилоотӣ дида баромада шуда, омилҳои асосии таъминоти амнияти иттилоотӣ ва нақши онҳо дар шароити гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ муайян карда мешаванд.

Калидвожаҳо: *таъминоти амнияти иттилоотӣ, омили меъёриию ҳуқуқӣ, омили иттилоотию таҳлилӣ, шуури иттилоотӣ, шуури технологӣ, тафаккури технологӣ.*

INFORMATION SOCIETY: THE FUNDAMENTAL TRANSITION PERIOD FACTORS

GULOV SAFARLI ABDULLOEVICH,
Leading specialist of the Department of information support
of the Center for Strategic Researches under the President
of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 40 ave,
ph.:(+992) 919295598, e-mail: Gulsa1957@mail.ru

In article the coherence of socially-philosophical categories of development of ability to live of a society and a problem of maintenance of information security is considered, fundamental factors of maintenance of information security and their role in the conditions of transition to an information society reveal.

Keywords: *maintenance of information security, is standard legal factor, information-analytical the factor, information consciousness, technological consciousness, technological thinking.*

УДК:338:008(1.925.3+540)

МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БО ҲИНДУ КАШМИР ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

ЁРОВ АБДУМАНСУР ШОМАҲМАДОВИЧ,
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи минтақашиносии хориҷии факултаи муносибатҳои байналмилалӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел.: (+992) 918-65-60-41

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ бо Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Тадқиқи ин мавзӯъ барои густариши робитаҳои имрӯза ва ояндаи Тоҷикистон ва Ҳиндустон аз манфиат дур нест.

***Калидвожаҳо**: иқтисод, тиҷорат, Ҳинду Кашмир, қисмати ҷанубии Осиё, тамаддуни нав, меъморӣ, содирот, воридот, забони ҳиндӣ, таърих, китобҳои тиббӣ ва динӣ.*

Дар таърихи инсоният шояд кам минтақае ба зеҳн бархӯрд кунад, ки бо чунин асолат, дардолудагӣ, ҳамнишинии илмӣ, адабӣ, вижагиҳои забонӣ чун Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон, махсусан Кашмир тавъам бошад. Ин ҳамбастагиҳо, бидуни душманоӣ, ғасбу харобиҳо, тамаъу бадкирдориҳо ба хотири нерумандии заковати инсонӣ, такомулу ташаккули ҳамдигарӣ ба роҳ монда шуда бошад.

Ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод, қабилаҳои ҳинду-аврупоӣ аз атрофу акнофи Осиёи Марказӣ ба қисмати ҷанубии Осиё - Ҳиндустон маскун гардиданд [19–3], ки он дар марҳалаи навбатӣ офарандагони таърих ва тамаддуни нав шинохта мешуданд. Маҳз аз ҳамин давра сар карда, як навъ ҳамбастагӣ байни Осиёи Марказӣ ва Ҳинду Кашмир пайдо мешавад. Дар даврахои баъдина, бахусус муносибатҳои тиҷоратӣ дар байни ин ду минтақа тибқи ахбори китоби муқаддаси будоиён «Ҷатакӣ» (асрҳои III – II пеш аз милод) [10-15] ривоҷ меёбад. Дар замони Сомониён ҳароина он бо мазмуну мундариҷаи нав пеш рафта инкишоф меёбад.

Бо ворид шудани сулолаи гурезагони Темурӣ ин ҳама баҳамомаданҳо тақвият меёбад. Аз Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамоно муҳоҷирони зиёде ба ин минтақа рӯй меоварданд, ки дар ин миён нависанда ва олими пухтакор Султонмуҳаммад Фахрии Ҳаравӣ низ буд (таввалудаш 1497 - вафоташ номаълум). Номбурда муаллифи

асарҳои «Ҳафт кишвар», «Ҷавоҳиру – л – аҷойиб» мебошад. Ӯ асари дуюми худро ба дояи Акбаршо – Моҳим –Энага бахшидааст.[17-8]

Дар пешрафти шаҳрдорӣ ва меъмории ин мулк дастанкорони форсигӯ хеле калон буд, ки ба ин метавон Муҳаммад Исо Афандиро мисол овард. Номбурда муҳандиси асосии Тоҷмаҳали яке аз ҳафт муъҷизаҳои олам аст. Ӯ зодаи хоки Шероз буда, дар билоди Кашмир ба бузургӣ расидааст.[12-96]

Мувофиқи маълумоти асари «Тазкираи беназир»-и Саид Абдулваҳоб зодаи шаҳри Самарқанд Хоҷабобо ном шахс бо тахаллуси Мунсиф чанде ба Ҳиндустон рафта, дар дарбор дар вазифаи доруғагӣ кор кардааст. Соли вафоташ 1626 – 1627 мебошад[9-8].

Мутобиқи маълумоти «Таърихи Қипчоқхонӣ» (асри XVIII) муҳоҷирон аз Мовароуннаҳр ба кишвари Ҳиндустон бо ду сабаб мерафтанд: якум, аз ҷабру зулми ҳокимон ва дуюм, бо сабаби қашшоқӣ ва гуруснагӣ.[9-9]

Муҳаққиқкони замони нав дар ин назаранд: «Ба таърихи пурғановати санъати нақкошии Ҳинд таъсири эҷодии мусаввир ва нақкоши бузурги тоҷик Камолиддини Беҳзод ва шогирдони ӯ хело назаррас аст. Маҳз ба туфайли ин таъсир мактаби минётурии Ҳинд бо «Услуби Беҳзод… шиносо шуда ва дар рушду ғановати хеш аз он ба таври фаровон баҳраҳо бардошта».[14-51]

Дар пешрафти илми таърихнигорӣ ва фарҳангнависӣ нақши форсизабонҳо хеле намоён аст, ки ба ин китобҳои «Тоҷу – л – муосир» ва «Фарҳанги Фахрии Қаввос» мисол шуда метавонанд.[15-165]

Мусиқишиносон низ ба ин назаранд: «Дар асрҳои миёна шоир ва мусиқишиноси форсизабонони Ҳиндустон Амир Хусрави Деҳлавӣ таронаро бори аввал ба рагаи ҳиндӣ ворид намуд. Зимни рага тарона шакли қаблӣ ва шеъри форсӣ – тоҷикии хешро нигоҳ дошта, танҳо дар қисмҳои мобайнии рага композитсия, хусусиятҳои ҳиндувониро қабул намудааст.»[1-322] Чуноне, ки дида шуд, ин муносибатҳо таърихи тулонӣ дошта, дар асрҳои XIX ва аввали асри XX бо вижагиҳои ба худ хос давом дода шуд. Дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX ин ду минтақа то ҷое аз ҷиҳати сиёсӣ ҳамқисмат буданд. Осиёи Марказиро Русия, Ҳиндустонро бошад Англия «саробонӣ менамуд». Агар то соли 1862 Русия 90 фоизи моли хоми саноатӣ (пахта) -ро аз ғарб ва Амрико ворид менамуда бошад,[16-62] пас баъди истилои Осиёи Марказӣ мо баръакси онро дида метавонем, ки бештарини моли хоми Осиёи Марказӣ ба Русия кашонида мешуд.

Дар Ҳинду Кашмир низ вазъият қариб ҳамингуна буд. Агар гардиши тиҷоратии Англия дар солҳои 1873 – 1883 бо Олмон ва Фаронса 7% ташкил медода бошад, пас бо Ҳиндустон он дар ҳадди 60% буд.[11-247]

Чуноне ки аз омӯзиши мавзӯъ маълум мегардад, дар солҳои аввали ин муносибатҳо содирот ва воридоти молҳои ин ду минтақа назаррас буд. Тавре ки аллома Аҳмади Дониш дар китоби «Наводиру-л-вақоеъ» дар боби «Ҳикояти гирдоби Искандар ва ғаннои марди Аҷамӣ» мефармояд, дар Ҳинд тоҷирони форсие мезистанд, ки сармояи онҳо ба хазинаи Қорун баробар будааст.[4-192]

Воқеан, ҳам дар марҳалаҳои аввали мустамликавӣ, возеҳтараш дар соли 1868, ба як аморати Бухоро аз Ҳиндустон 6500 уштури корвонӣ ворид шуда буд, ки бо худ аз 65 то 100 ҳазор пуд чой ва 500 бор уштури дигарро молҳои саноатӣ ташкил медод. Ин пешравиро мо дар солҳои 70-80-уми асри XIX низ мушоҳида карда метавонем. Дар ин солҳо 70 ҳазор пуд чой, 18 ҳазор нил, 80 ҳазор пуд рангворӣ, 50 дона қолини кашмирӣ, 30 қабои пурқиммат[6-126] оварда шуда буд.

Аз Бухоро ба Ҳиндустон он солҳо бештар мева, пашми уштур, атлас, бахмал, матои абрешимӣ, асп, молҳои саноатии рус бурда мешуд. [18-107]

Вале, ин тавозун дер давом накард, барои аз байн бурдани хавфи сиёсати англисӣ ҳукумати Русия якҷо бо ҳукумати маҳаллӣ чораҳои навро андешид, ки баланд бардоштани андози тоҷирони хориҷӣ. Масалан, тоҷири ҳинду-англис Ремо Мало Ляличандо хабар медиҳад, ки дар маҳалли Ғуззор кормандони гумрукӣ аз ӯ ғайриқонунӣ чорсад танга аминона ситониданд. Ба ин нигоҳ накарда, тоҷирони ҳинду дар Осиёи Марказӣ роҳу усулҳои навро ҷустуҷӯ мекарданд. Масалан, дар соли 1896 дар шаҳри Тошканд 50 тоҷири ҳинду иқомат мекарданд, ки аз байни онҳо 10 нафарашон ба савдои чой машғул буданд.[6-29]

Дар аввали асри XX овардани мол аз минтақаи Ҳинд ба 800 ҳазор рубл баробар шуд, ки аз он 500 ҳазорро молҳои фабрикӣ ва 300 ҳазорро молҳои дигар ташкил медоданд. Тоҷирони ҳиндуро дар гӯшаҳои дурдасти аморат – бекигарии Ҳисор, хонигариҳои Қуқанд ва Хева низ дидан мумкин буд.[8-191]

Дар солҳои 1911 - 1913 аз аморати Бухоро ба Ҳиндустон ба миқдори 500 ҳазор рубл бор бурда шуда буд, ки 50% онро молҳои саноатӣ ташкил медод. [5-96]

Ҳамин тавр, зимни хусусияти сиёсӣ гирифтани ин муносибатҳо, коҳиши робитаҳои дуҷонибаи ин ду минтақаро мушоҳида карда метавонем.

Бо вуҷуди дахолатҳои сиёсии Русия ва Англия, муносибатҳои фарҳангии ин ду минтақа пеш мерафту ташаккул меёфт. Агар дар асри XVII аз 30 нафар адибони тоҷиктабори маскуни Ҳинд 20 нафарашон дар Кашмир мезиста бошанд, ин теъдод дар асри XIX боз ҳам афзоиш меёбад, ки ба ин Пандид Маҳтоб Тарсал (1839 -1888), Шайх Нуриддини Рафиқӣ мисол шуда метавонанд (тав 1810).[2-259].

Тавре ки олими тоҷиктабори Ҳинд Маҳмуди Оламӣ қайд менамояд: «Саросари билоди Ҳинд марҳуни миллати вилоятҳои Қошғару Мовароуннаҳру Бухоро, Самарқанду Ғазнину Ҳирот будааст. Чавқ – чавқ ташнагони улум аз соири ҷаҳон ба ин ноҳияи илму дониш ҷамъ мешуданд».[7-34]

Дар баробари муҳоҷирати мардумони Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустон ба василаи тоҷирон ба минтақаи мо қабилаҳои гуногуни ҳиндузабон ворид мешуданд, ки дорои урфу одат ва хусусиятҳои хоси худ буданд. Масалан, фақат дар як шӯрои деҳоти Хонақои Ҳисор тибқи маълумоти солҳои 60 – 70-уми асри гузашта, 200 – 250 хоҷагиро мардуми «Пария»-и ҳинду ташкил медод. «Парияҳо» ба қабилаҳои «Чангар», «Клан», «Палуҷ» ҷудо мешуданд. Тибқи маълумоти мардумшиносӣ қабилаи «Чангар» аз мавзеи Дарапаи Кашмир буданд. Шеваи забонии онҳо низ ба мардумони ғарбии Ҳинд созгор буд.[13-229]

Мувофиқи маълумоти Дмитрев Г. муҳоҷирони ҳиндутабор дар Осиёи Марказӣ 8-10 ҳазор нафарро ташкил медоданд, ки асли баромадашон Пешовар, Панҷоб ва Кашмир будааст. Муҳаққиқ андешаҳояшро давом дода, таъкид менамояд, ки онҳо мардумони кастаҳои тиҷоратии: Бхатия, Бания, Лохан, Кхатрӣ, Бахра маҳсуб меёбад.[3-235] Онҳо бештар дар корвонсаройҳо ва иддае дар хонаҳои худ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд зиндагӣ мекарданд. Бояд тазаккур дод, ки аз 136 муҳоҷири ҳиндутабори шаҳри Тошканд 36 нафарашонро ғулом ё канизакон ташкил медоданд. Онҳо дар кучое, ки мезистанд, таомули худро иҷро менамуданд. Онҳо оқсақолони худро доштанд, ки аз онҳо дар пешбурди корҳои худ маслиҳат мегирифтанд. Аз ҷиҳати сару либос низ ҳиндуён аз мардумони маҳаллӣ фарқ менамуданд. Калапӯши сиёҳ, ҷелаки кӯтоҳи торикмонанд, шалвори кӯтоҳ ва пояфзоли соқпаст мепӯшиданд.

Муаллифи рус Пашино П. соли 1867 мақолаи худро бо номи «Ҳикояти кашмириҳо оид ба ватанашон»-ро чоп менамояд, ки он дар бораи урфу одат, таърихи зодагони Кашмир маълумоти пурқимат медод.

Тибқи маълумоти соли 1889 ҳиндуён дар шаҳри Бухоро 3 ибодатгоҳи бутпарастӣ ва дар корвонсаройи Қаршӣ китобхонаи худро доштанд. Онҳо идҳои динии худ Кришна ва Лакшмиро ҳамасола қайд менамуданд. Дар байни онҳо шахсоне буданд, ки ба омӯхтани забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ машғул буданд, ки яке аз онҳо Кабиршоҳ Мустафии Кашмирӣ буд. Мавсуф дар деҳаи Бекободи вилояти Тошканд зиндагӣ мекард ва гузашта аз ин, ӯ аввалин нафаре буд, ки солҳо 1898 – 1899 дар шаҳри Тошканд барои амалдорони рус ва хоҳишмандони маҳалӣ курси забони ҳиндуиро кушода буд ва соҳибэҳтиром низ гардида буд.

Дар охири солҳои 90-уми асри XIX маъмурияти вилояти Туркистон барои аз худ намудани забонҳои мардумони шарқ чорабиниҳо доир менамуд. Бинобар ин, соли 1897 омӯзиши курсҳои забони ҳиндӣ дар шаҳрҳои Ашқобод ва Тошканд ба роҳ монда мешавад. [3-246]

Бадин тартиб, муносибатҳои фарҳангиии Осиёи Марказӣ бо Ҳинду Кашмир дар давраи мазкур ба марҳалаи нави худ расид.

Чуноне ки дида шуд, робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ бо Ҳинду Кашмир таърихи тӯлониро дорад. Мо дар ин муносибатҳо дилбастагӣ доштани ин мардумонро ба таъриху фарҳанги ҳамдигарӣ баръало эҳсос намуда метавонем. Чизи дигаре, ки ҷои андеша мебояд буд, ин бо ҳам дидани неъматҳои иқтисодӣ ва фарҳангии ин ду минтақа дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX мебошад. Дар ин давра дар баробари дигар дастовардҳои фарҳангӣ аз Кашмир ба минтақаи мо китобҳои зиёди таърихӣ, луғавӣ, тиббӣ, динӣ ва сеҳргарӣ ворид шуд. Аз Осиёи Марказӣ бошад, аз ин миқдор бештар китоб ва дигар колои маданӣ бурда шудааст, ки имрӯзҳо бо дастовардҳои мадании ин кишвар тавъаманд.

АДАБИЁТ

1. Азизова Ф. Мавқеи тарона дар таърихи равобити мусиқии ҳинду тоҷик//Саҳми тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳон, дирӯз ва имрӯз - Душанбе, 2002.- 340с.
2. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон. – Душанбе, 2002, - 366с.
3. Дмитрев Г. Из истории индийских колоний в Средней Азии (вторая половина XIX начало XXв.) //Страны и народы… С,235

Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ, кит. 1, - Душанбе – 1988 – С.192

4. Ёров А. Ш. Бухарский эмират на мировом рынке, вторая половина XIX - начало XXв. – Душанбе – 2016. – 170с.
5. Искандаров Б. Средняя Азия и Индия. – Душанбе, 1993. – 157с.
6. Маҳмуди Олам.// Саҳми тоҷикон дар пешрафти тамаддуни Ҳинд// Саҳми тоҷикон… - С.34-36
7. Мухторов А. Ҳисор. Очерки таърихӣ (Хисор. Исторический очерк – на тадж.яз.). – Душанбе, 1995.- 304 с.
8. Мухторов А. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон. – Душанбе, 1984, - 112с.
9. Низамутдинов В. Из истории экономических и политических отношений Индии со Средней Азией //Звезда востока №8 – Ташкент, 1957 – С.15 – 23.
10. Новая история стран зарубежного востока. – М., 1952 –285с.
11. Олимпур М. Тӯшаи чашм. – Душанбе. 1990 – С.134с.
12. Оранский И. К этнографии индоязычной группы парья // Страны и народы Востока. – М., 1972, С.223 - 249
13. Пулодова Ш. Таъсири маданияти тоҷик ба тамаддуни Ҳинд//Саҳми тоҷикон ва форсизабонон дар тамаддуни ҷаҳонӣ. – Душанбе 2002 – С.50 -54
14. Расулиён Қ. Таърихи тамаддуни эронӣ дар Ҳинд.// Саҳми тоҷикон… - Душанбе, 2002 – С.164 - 167
15. Рожкова М. Экономические связи России со Средней Азией в 40 – 60г. XIXв. – М.,1963. – 236 с.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И КУЛЬТУРНЫЕ ОТНОШЕНИЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ С ИНДИЕЙ И КАШМИРОМ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX – НАЧАЛЕ XX ВВ

ЁРОВ АБДУМАНСУР ШОҲМАДОВИЧ,
кандидат исторических наук,
доцент, кафедры зарубежного
регионоведения, факултета Международных
отношений Таджикского Национального Университета,
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17,
тел. (+992) 918 65 60 41.

В данной статье речь идет о торговых и культурных отношениях Центральной Азии с Индией во второй половине XIX – начале XX веков и раскрывается их двусторонний и объективный обмен. Это может служить предпосылкой для развития современных взаимоотношений Таджикистана и Индии.

Ключевые слова: *экономика, торговля, Индия и Кашмир, южная часть Азии, новая цивилизация, архитектура, импорт, экспорт, язык хинди, история, медицинские и религиозные книги.*

ECONOMIC AND CULTURAL RELATIONS OF CENTRAL ASIA WITH INDIA AND KASHMIR IN THE SECOND PART OF XIX CENTURY AND IN THE BEGINNING OF XX CENTURY

YOROV ABDUMANSUR SHOMAHMADOVICH,
Candidate of Historical Sciences,
Associate Professor, Department of Foreign
Regional studies, faculty of the International
Relations of the Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, ave 17,
ph. (+992) 918 65 60 41.

The article deals with the problem of Economic and cultural relations of central Asia with India and Kashmir in the second part of XIX century and in the beginning of XX century. The result of the article may serve to expend Tajikistan and Indian bilateral relations.

Keywords: *economy, trade, India and Kashmir, southern Asia, new civilization, architecture, import, export, language, Hindi, history, medical and religious books.*

УДК: 1с+32+37+008

МОҲИЯТИ ФАЛСАФИЮ ИҶТИМОИИ МАФҲУМИ «МОДЕРНИЗАТСИЯ» ВА ХОСИЯТИ СИЁСИИ ОН

МУРОДОВА НИГИНА,
дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе х. Рӯдакӣ 17, тел.: (+992) 918-20-66-65.,

Дар мақола мушкилоти моҳияти фалсафию иҷтимоии мафҳуми «модернизатсия» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуқтаи назари намояндагони илмҳои сиёсӣ доир ба модернизатсия ва гузариш аз ҷомеаи суннатӣ ба ҷомеаи муосир таҳлил гардидааст. Муаллиф дар асоси тадқиқоти сиёсатшиносони рус ва ғарбӣ дар мақола вижагиҳои сиёсии истилоҳи «модернизатсия» ва гуногунпаҳлу будани мазмуну муҳтавои онро муайян месозад. Ба осори пажӯҳишии муҳаққиқони Шарқи хориҷӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст. Проблемаҳои табдилёбии давлатҳои «ҷаҳони сеюм» тадқиқ ва арзёбӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *модерн, модернизатсия, модернизатсияи сиёсӣ, трансформатсия, назарияи эндогенӣ, вестернизатсия, забони анъана, забони муосир, тамаддун.*

Сиёсат чун омили иҷтимоӣ аз ибтидо то ба имрӯз ба худ тағйирпазирии сифатҳои одӣ ва мураккаб, муътадил ва пешқадам, анъанавӣ ва муосирро касб намуда, аз оғози пайдоиши ғояҳо мавриди андешаи мутафаккирон гардидааст. Бешубҳа, то ба замоне, ки сиёсатро илми мустақил шинохтаанд, масъалаи тағйирпазирии сиёсӣ ва ҷараёни он боиси баҳсҳои фалсафию иҷтимоӣ гардида, чун омили рушд ва қонуни рушду пешрафти ҷомеа фаҳмида шудааст.

Дар баробари ошкор сохтани моҳияти фалсафӣ ва иҷтимоии мафҳуми «модернизатсия» қайд намудан зарур аст, мафҳумҳои «модернити» ва «модерн» дар илми санъатшиносӣ (яке аз усулҳои ҳунари бадеии асрҳои XIX ва ибтидои XX) ба вуҷуд омадаанд. Мафҳумҳои «модерн» ва «модернизатсия» дар илми сиёсатшиносӣ аз ҷониби муҳаққиқон Ш. Эйзенштадт ва С.Н. Гавров бори аввал мавриди истифода қарор гирифтаанд [1,13].

Мафҳуми «модерн» ё «модернизатсия», ки аслан маънои муосиршавӣ ё замонашавиро дорад, дар ҷодаи гуногуни муносибатҳои инсонӣ ба миён омада, ифодакунандаи навовариҳоро инъикос мекунад. Доир ба масъалаи мазкур дар байни муҳаққиқон андешаҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе аз таҳлилгарони сиёсӣ мафҳуми «модерн»-ро чун муосиршавӣ қабул намудаанд, лекин бо баъзе сабабҳо онҳо қайд

мекунанд, ки он наметавонад моҳияти аслии мафҳуми «модернизатсия»-ро таҷассум намояд. Ба қавли файласуфи италиявӣ Викторио Страда, модернизатсия мафҳуме мебошад, ки дар он фаҳми бениҳоят амиқи раванди муосиршавӣ зоҳир меёбад, яъне он қуллаи олии муосиршавиро инъикос менамояд [2, 110]. Ё ба қавли донишманди рус М.М. Федорова «модерн» дараҷаи навовариҳои воридшуда дар дигаргуниҳои баамаломада мебошад» [3,57].

Калимаи «модерн», чи тавре ки муҳаққиқи олмонӣ Ю.Хабермас қайд мекунад, бори аввал нисбат ба воқеаҳои охири қарни V дар Аврупо бо мақсади маълумсозии мақоми мавҷудаи дини насронӣ ва оинҳои пешинаи римӣ истифода гардидаст [4,25]. Дар ин маъно моҳияти имрӯзаи фаҳмиши модернизатсия на чандон рост меояд, зеро дар ин маврид суннати динию мазҳабӣ чун «модерн» шинохта мешавад, лекин ин бесабаб нест, зеро дар мавриди ҷой доштани динҳои гуногуни маҳаллӣ дар Рими қадим густариши дини насронӣ дар ҷодаи муносибатҳои ҷамъиятӣ навоварӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар фаҳми фалсафии «модерн» унсурҳои на танҳо инкишофи сиёсӣ, балки рушду пешрафти тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ба назар мерасад. Масалан, ба таври зайл ҳаллу фасл ёфтани масъала дар ташаккули илм ҳамчун натиҷаи ақлҳои инсонӣ қабул гардидааст. Мутафаккирони зиёд барои ошкор сохтани қонунҳои рушду пешрафти фазилати инсонӣ ва комёбиҳои замони муосир онро чун натиҷаи ақлу хиради инсон дониста, нусхабардории раванди давраи Эҳёро рад мекарданд ва исботу далеле доштанд, ки танҳо андешаю хиради инсонӣ қодир аст, ки истиқлолиятро ба даст оварда, ба муқобили қудрати ҳокимияти яккатоз ва анъана барояд.

Ба андешаи файласуфон «модерн» чун шакли махсус гардонидашудаи ҳаёти аврупоиён ва тамаддуни аврупоӣ мебошад. То пайдо гаштани мафҳуми «модерн» файласуфон роҷеъ ба дигаргунии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ, ки аз давраи Эҳё оғоз гардида бо муносибати солим ба табиат итмом меёбад, тағйирпазириро танҳо дар соҳаи дину оин бештар эътироф намуда, муносибати сиёсии онро аз назар берун гузоштанд. Баъдан бо рушди сиёсии кишварҳои Аврупо маълум мешавад, ки дигаргуниҳо на танҳо дар дин, балки ибтидои ташаккули илму фарҳанг ва сиёсати оқилонаю инсондӯстона гардиданд.

Агар ба моҳияти фалсафию иҷтимоии мафҳуми “модернизатсия” назар намоем, маълум мешавад, ки талабот ба навоварӣ ва дигаргунсозӣ натиҷаи рушди пешрафти босамари ҷомеа будааст. Решаҳои муосиркунии ҷомеа на танҳо дар андешаҳои ратсионалии мутафаккирони давру замони гуногун, балки дар афкори динию мазҳабӣ, махсусан дар фалсафаи буддоӣ, мушоҳида мешаванд. Масалан, дар натиҷаи қисматшавии равияҳои динӣ дар бештари вақт шохаи охирини он пешқадамтар ё муосиртар ҳисобида мешудааст. Дар равияҳои баъдинаи дини буддоӣ нишонаи ратсионалистӣ бештар маълум гаштаанд, ки чун ҳидояткунандаи зиндагии

арзанда баромад намудаанд. Ё дар ташаккули афкори илми табиатшиносӣ чунин навовариҳо дар соҳаи кашфиёт инъикос меёбанд. Масалан, дар даврабандии рушду пешрафти назарияи атом раванди тағйирпазирии ғояҳоро аз Левкип, Демокрит то ба Эпикур эҳсос кардан мумкин аст. Пас ғояҳои пешқадами давраи нав, ба мисли либерализм, демократия, назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра таконе ба пеш ва раванди муосиршавии ақлу хиради инсонӣ мебошанд. Чунин андешаронии фалсафӣ ба сиёсатшинос Лео Штраусс хос мебошад, ки онро бо мафҳуми «асари пӯшида» маълум сохтааст [5,76]. Ба андешаи вай, дар тафаккури файласуфони замони қадим маърифати ақлҳо дар шакли муосир чун атеизм, ратсионализм бо пайдоиши устураҳо ва ғайра мутобиқ гашт ва бо номи «забони анъана» роиҷ гардид.

Дар илми сиёсатшиносии иҷтимоӣ модернизатсия чун тағйирпазирии иҷтимоию сиёсиест, ки гузаришро аз ҷомеаи пӯшидаи анъанавӣ ба ҷомеаи кушодаи муосир маълум сохта, ба таври осон ба ҳолатҳои тағйирпазирии ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутобиқ мешавад. Ҷавҳари омӯзиши масъала ба таҳлили тағйирпазирии сиёсии кишварҳои ғарбӣ–аврупоӣ дар асрҳои XVIII–XIX рост меояд.

Маҳуми «модерн» ба маънои васеъ давраи таърихиест, ки аз замони маорифпарварӣ оғоз гардида, то охири қарни XX давом кардааст. Модерн чун замони муташаккили тағйирпазирии олам бо давраи нав ҳамсарҳад аст. Дар маънои маҳдуд фаҳмиши мафҳуми «модернизация» аз давраи оғозёбии инқилобҳои буржуазии аврупоӣ то давраи нав, гузариши кишварҳои тоиндустриалӣ ба ҷомеаи индустриалӣ, ки асрҳои минъбадаро дар бар мегирад, ифода мекунад.

Фаҳмиши иҷтимоии мафҳуми «модернизатсия» дар раванди бузурги тағйирпазирии ҷомеа аз низоми анъанавӣ ба низоми муосир баён мешавад ва дар ин маврид модернизатсия бо се маъно роиҷ гардидааст:

–аввалан, чун рушду пешрафти дохилии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ дар даврони нав;

– дуюм, модернизатсияи босуръати кишварҳоеро, ки дар натиҷаи тараққиёти бошитоб мехоҳанд ба сатҳи рушду пешрафти кишварҳои мутамаддин баробар шаванд;

–сеюм, рушди муътадили пай дар пайи кишварҳои ғарбию аврупоӣ мебошад, ки ба воситаи ислоҳот ва навовариҳо амалӣ гардида, ба ҷомеаи индустриалӣ (саноатӣ) мубаддал шудаанд.

Дар таҷрибаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол шакли дуюми зоҳиршавии модернизатсия ба назар мерасад, ки бо истифодаи тарҳи босуръати он ба сатҳи пешрафту тараққиёти кишварҳои мутамаддин расиданро вазифаи худ медонад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «модернизация» раванди тағйирпазирии иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангу анъанаи Аврупои феодалӣ ба низоми буржуазӣ ё баъдан

сотсиалистӣ мебошад. Намунаи модернизатсия таҷрибаи кишварҳои ғарбии аврупоӣ дар давраи нав мебошад, ки бо ин намуна равандҳои ҳаммаънои онро дар давраҳои дигар ва минтақаҳои дигари ҷаҳон баҳо додан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки доир ба маълум сохтан ва ошкор намудани моҳияти «модернизатсия» боз фикрҳои гуногуне мавҷуданд, ки маънои аслии онро дар зери шубҳа қарор медиҳад. Масалан, дар мавриде, ки оид ба кишварҳои «ҷаҳони сеюм» сухан меравад, моҳияти аслии модернизатсия дар раванди рушди онҳо ба назар намерасад. Пас муҳаққиқон: Дж.Нэсбит ва П.Эбурдин пешрафти низоми сиёсии кишварҳои мазкурро ба инобат гирифта, онро бо мафҳуми «трансформатсия» ишора месозанд [6,113]. Ё ба андешаи назарияпардози ғарбӣ С.Ҳантингтон дар кишварҳои шарқӣ модернизатсия бе вестернизатсия амалӣ мешавад ё чи гунае, ки вай қайд мекунад: «Бо баробари рушди тарҳҳои гуногуни технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муосир, хосиятҳои динӣ, сиёсӣ ва фарҳанге, ки ба ҷомеаи анъанавӣ хосанд, ҷой доранд» [7,20]. Агар Дж.Нэсбит ва П.Эбурдин модернизатсияро танҳо хоси кишварҳои Ғарб ва намунаи аврупоӣ донанд, пас С.Ҳантингтон онро тағйирпазирии васеи ҷомеаҳои алоҳида медонад, ки дорои ҷараёнҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд. Ва дар ин ҷо омезиши муосиршавии шакли аврупоӣ бо арзишҳои ҷойдошта ё муносибатҳои эндогенӣ ба назар мерасад, ки бештари олимон, ба мисли А.Абдумалик, А.Турен, С.Ҳантингтон, Ш. Эйзенштадт ҷонибдорӣ намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ А.Абдумалик ба ҳисоб гирифтани шаклҳои эндогении рушди кишварҳои «олами сеюм»-ро дар рафти модернизатсия зарур дониста, таъкид мекунад, ки хосиятҳои тамоми ҷомеаҳои гуногунро дар ҳолати мазкур ба назар гирифтан муҳим аст. Вай мукобилгузории анъанаҳои шарқӣ ва раванди модернизатсиониро дар таълимоти модернизатсия хато ҳисобида, кӯшиш намудааст, ки дар мавриди қабули модернизатсия хусусиятҳои эндогении кишварҳои ғайриғарбӣ ба назар гирифта шаванд. Манбаи асосии ғояҳои вай дар таълимоти эндогенӣ зоҳир ёфтааст. Таълимоти мазкур истифодаи таҷрибаи эҷодӣ, мероси фарҳангӣ ва шаклҳои фарҳанге, ки ба халқҳои гуногун хос мебошанд, ифода мекунад.

Инчунин, дар фаҳмиши сиёсии мафҳуми «модернизатсия» бо мафҳумҳои нисбатан ба он алоқаманд, ба мисли «трансформатсия», «модификатсия», «демократизатсия», «вестернизатсия» рӯбарӯ мешавем, ки ҳамчун шаклҳои тағйирпазирии ҷомеа қабул гардиданд. Мафҳумҳои мазкур барои тадқиқи тағйирпазирии ҷомеа, махсусан, ниҳодҳои сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ истифода мешаванд ва бештар чунин хосият ба мафҳуми «трансформатсия» рост меояд. Трансформатсия равиши дигаргуниҳои бунёдии сохтор ва пояи низоми сиёсии ҷомеаро инъикос мекунад. Дар маънои аслӣ мафҳуми «трансформатсия» чун раванди модернизатсияи сиёсӣ, дар маънои васеъ чун гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир ё баръакс (яъне аз ҷомеаи муосир ба анъанавӣ) ва ё чун

тағйирпазирии маҳдуди сохтори анъанавӣ, масалан, ивазшавии арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ ё динӣ фаҳмида мешавад. Ғайр аз ин, чунин ҳолат дар таҷрибаи сиёсии кишварҳои замонавигардида низ дучор мешавад. Дар бештари маврид дар кишварҳое, ки ба модернизатсия рӯй оварданд, намунаҳои навоварӣ дар шаклҳои гуногун қабул гардида, яке дигареро иваз намуда, натиҷаҳои аслии модернизатсияро намедиҳанд ва ҳолатҳои мазкур чун раванди трасформатсия фаҳмида мешавад.

Дар охир бо мафҳуми «трансформатсия»-и сохтор ва ниҳодҳои сиёсӣ он равандҳоро баён намудан лозим аст, ки ба худ омезиши намунаҳои гуногуни тағйирпазириро соҳиб буда, на пайдарҳам ва ботартибона, балки лаҳзавӣ ҷорӣ гардида, хосияти умумиро соҳиб мебошанд. Чунин намунаҳои тағйирпазирии сиёсии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мансубанд, ки хоси андешаҳои Дж.Нэсбит ва П.Эбурдин ба шумор мераванд.

Мафҳуми «модернизатсия» дар илми сиёсӣ хосияти хосро соҳиб аст. Дар он модернизатсияи сиёсӣ чун тағйирпазирии намунаҳои ҷомеаи анъанавӣ ба намунаҳои ҷомеаи муосир дар макон ва замони гуногуни таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Ё модернизатсияи сиёсӣ чун гузариш аз «ҷомеи пӯшида» ба «ҷомеаи кушода», аз низоми барҷомондаи дер мутобиқшаванда ба олами беруна ба низоми ташаккулёбандаи тарҳи рушдёфта мебошад, ки чун ҳолати намуна модернизатсия қабул гардидааст. Хосияти сиёсии мафҳуми модернизатсия дар фаҳмиши илми муосир бештар ба амал ва фаъолияти давлат вобаста аст, ки онро муҳаққиқи тоҷик Г.Н.Зокиров чунин маънидод намудааст: «Модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун кӯшиши давлат ва системаи сиёсии ҷомеа, ки чандон рушд наёфтаанд ва рванди ба ҷомеаи мутамаддин расидани онҳо фаҳмида мешавад» [8,292]. Пас дар ин ҷо фаҳмиши таърихии фарогирии модернизатсия, ки ба кишварҳои ғарбӣ хос мебошад ва фаҳмиши муосири раванди модернизатсия, ки ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Амрикои Лотинӣ, Аврупои Ҷанубу Шарқӣ тааллуқ дорад, муайян мегардад.

Муҳаққиқи рус А.Г.Дугин модернизатсияро чун намунаи тағйирпазирӣ, ки на танҳо ба таҷрибаи аврупоии асри XVIII–XX рост меояд ва Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолиро дар бар мегирад, балки давраҳои гуногуни таърихиро ба мисли давраи бостон (атиқа) медонад. Дар ин ҷо раванди замонашавӣ дар давраи бостон, асрҳои миёна, давраи нав ва замони ҳозира ба чашм мерасад, ки он бевосита заминаҳои рушду пешрафти ҷомеаро бунёд месозад.

Пас аз гуфтаҳо боло маълум мешавад, ки мафҳуми “модернизатсия” дар ҷомеаи анъанавӣ бегона гаштани намунаҳои пешин ва ворид кардани навоварӣ мебошад, ки метавонад чун «модерн» баромад кунад. Зарурат надорад, ки он мантиқан пай дар пай ва босуръати муътадил ба мисли Аврупои Ғарбӣ сурат гирад. Вай метавонад ба таври босуръат ё дарозмуддат ҷорӣ гардида, бенатиҷа ва беанҷом бошад. Модерни-

затсия дар бештари ҳолатҳо он омезиши арзишҳои гуногунро таҷассум мекунад. Ба андешаи муҳаққиқи рус А.Г. Дугин, дар раванди модернизатсияи аврупоӣ омилҳои муҳофизакорӣ (консервативӣ) тавонистанд, ки ба худ бо истифодаи забони муосир ба ҷаҳони сиёсат ворид шаванд, чи гунае ки омилҳои муосир дар кишварҳои ғайриғарбӣ бо истифодаи забони анъана муосиршавиро ҷорӣ сохтанд [9,10]. Бинобар ин, «анъана» бо либоси куҳнаи худ ба муҳити муосиршавӣ ворид гардида, омезиши анъанаро бо муосиршавӣ амалӣ намудааст. Дар намунаи аврупоии модернизатсия ин гуфтаро ба таври возеҳу равшан мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо бояд таъкид кард, ки омилҳои муосиршавӣ дар зери ниқоби анъана пинҳон гашта, дар кишварҳои ғайриғарбӣ ташаккул меёбанд. Ё чӣ тавре дар боло қайд намудем, назарияи эндогении ташаккул дар раванди модернизатсия аз ин лиҳоз мебошад.

Доир ба модернизатсия чун таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ ва масъалаи нусхабардории он андешаҳои мутафаккирон низ бо зиддиятҳо рӯ ба рӯ гаштааст. Масалан, сиёстмадорони собиқи Сингапур Го Кенг Си модернизатсияро ба фил ташбеҳ мекунад ва мегӯяд: «Дар фаҳми мафҳуми “модернизатсия” душворӣ вуҷуд дорад, лекин ба осонӣ ин ҷонвари бузургҷуссаро дидан мумкин аст» [10,115]. Албатта, муайян сохтани модернизатсия мушкилиро эҷод менамояд, зеро он раванди гуногунҷабҳа буда, танҳо тағйироти иқтисодӣ ва технологиро фаро намегирад. Танҳо аз рӯйи нишонаҳои мавҷуда ва маълумоти оморӣ гуфтан мумкин аст, ки модернизатсия ба вуҷуд омад ё не? Яъне модернизатсия омили мебошад, ки он ба ҷомеаи инсонӣ ворид гашта, талабот ва манфиатҳои худро ҷорӣ месозад ва ҳалли ин масъала бештар аз давлат, ҷомеа ва аз мавҷуд будани заминаҳои замонавишавӣ вобастагӣ дорад..

